Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, ки «Барқарорсозии низоми обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, беҳтар намудани дастрасии об ба заминҳои обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз шӯршавӣ ва ботлоқзоршавӣ», яке аз ҳадафҳо дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат мебошад.

Ин муқаррароти дар боло зикршуда муҳимият, мақсад ва вазифаҳои интихоби мавзӯи таҳқиқотро муайян кардааст.

Диссертант, дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба обмонии қатрагӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи Исроил дар заминҳои камоби минтақаи вилояти Хатлон ба манфиати кор ҳисобидааст. Зеро Исроил аз надоштани захираҳои об хеле танқисӣ мекашид. Маҳз истифодаи обёрии қатрагӣ барои раҳоӣ аз мушкилоти кишоварзии обёришаванда сабаб гардид (С.10).

Муаллиф қайд намудааст, ки дар вилояти Хатлон мушкилиҳои корношоям гардидани шабакаҳои обёрӣ, фарсудашавии пойгоҳҳои обкашӣ, заминаи сусти моддию техникии иншооти обёрӣ, таҳдиди ҳолатҳои фавқулода мушоҳида мешавад(С.13).

Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлилҳои автореферат маълум гардид, ки дар қатори ҷиҳатҳои мусбат, дар он баъзе камбудии ҷузъи низ ҷой дорад, хусусан:

1. Муаллиф пешниҳоди ҷолиберо дар расми 1 оиди самтҳои афзалиятноки

сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлонро манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи онро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.

Аммо эроди гирифташуда арзиши таҳқиқотро коста намекунад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурии назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, аз рӯи мазмун ва мундарича диссертатсия кори илмии ба охир расида ба ҳисоб рафта дар беҳтар намудани кишоварзии обёришаванда ҳиссаи худро гузошта метавонад. Автореферат ба талаботҳои низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Холов Тоҷиддин Азизуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Доктори илми иқтисод, профессори
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Обидов Ф.С.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ -17
**Телефон:** (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
**Факс:** (+992-37) 227-15-10
**Email:** info@tnu.tj

Имзои Обидов Ф.С.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Днишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.